**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба кори диссертатсияи Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи "Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)" барои дарёфти унвони номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ).**

Олимони муосир вазъи муосири ҳифзи муҳити зистро ташвишовар ва боиси нигаронии шадид арзёбӣ менамоянд. Воқеан, афзоиши талабот ба маҳсулоти саноатӣ боиси афзоиши истихроҷи сарватҳои табиӣ аз конҳои табиӣ ва мутаносибан кам шудани захираи онҳо мегардад. Шумораи корхонаҳои коркард, ки ба муҳити зист моддаҳои зарарнокро хориҷ мекунанд, мунтазам меафзоянд. Ҳамаи ин, ҳамчунин омилҳои дигари ногувзир боиси таназзулу бадшавии ҳолати муҳити зист мегардад.

Дар замони мо таълимоти олими барҷастаи рус, академик Вернадский дар бораи гузариши биосфера ба ноосфера аҳамияти махсус пайдо мекунад, ки метавонад барои таҳқиқоти бунёдии мушкилоти экологӣ ва ҷустуҷӯи амалии ҳалли онҳо асос шавад. Таълимоти В.И.Вернадский дар бораи ноосфера асоси фалсафии консепсияи рушди устувори ҷомеа, стратегияи рушди мутавозуни иқтисодӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ гардид ва таъсири худро ба ташаккули шуури муосири муҳити атроф идома медиҳад. Ноосфера бояд ҳамчун соҳаи алоқаи ногусастаи табиат ва ҷомеа фаҳмида шавад, ки дар он фаъолияти оқилонаи инсон омили асосӣ мегардад. Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои мубрами экологияи муҳити зист аҳамияти махсус дода шуда истодааст.

Тарбияи фарҳанги экологии узвҳои муосири ҷомеа имкон медиҳад, ки нерӯи зеҳнӣ ва ҷисмонии шахс ба ҳифзи муҳити зист ва биосфера равона гардад, онҳоро дар тозагӣ ва ҳолати коршоям нигоҳ дошта шаванд, захираҳои табиӣ ҳифз ва афзун шаванд, инчунин тарзи ҳаёти солимро риоя гардад, ки дар ниҳояти кор ин ба наслҳои оянда муҳити тозаи зист ва ҷиҳати экологӣ солим мерос гузоштанро дар назар дорад. Тарбияи фарҳанги экологӣ, пеш аз ҳама, ба ҳифзи генофонди миллат, зиндагӣ дар биосфераи аз ҷиҳати экологӣ тозаву солим нигаронида шудааст.

Дар ин ҷода, оид ба ҳифзи муҳити зист ва таълиму тарбияи экологӣ қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ оид ба

таълиму тарбияи экологӣ буд, аз ҷумла: Барномаи давлатии маърифат ва тарбияи экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2000 ва дар давраи то соли 2010; Барномаи давлатии экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2009 таҳти №123 тасдиқ шудааст; Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки онҳо дар маҷмӯъ дар кишвар як низоми муназзами тарбияи экологиро ташкил медиҳанд.

Диссертатсияи пешниҳодшуда ба яке аз масъалаҳои мубрамтарин – асосноккунӣ ва санҷиши амалии асосҳои назариявӣ ва маҷмӯи шартҳои дидактикӣ барои баланд бардоштани самаранокии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология дар раванди таълим дар низоми тайёрии олии касбӣ бахшида шудааст.

Чӣ хеле, ки аз диссертатсия бармеояд, он аз муқаддима, ду боб, ки ҳар боб иборат аз 4 зербоб, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи умумӣ, феҳрасти адабиёти истифодашуда ва замимаро дар бар гирифта, диссертант Исматдинов А.М. дар мукаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва замимаҳои назариявию методологии таҳқиқот, тавсифи умумии таҳқиқот, ҳадафи таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзӯи таҳқиқот, масъалаи таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, соҳаи таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назарии таҳқиқот, аҳамияти амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқотро зикр намудааст.

Дар муқаддима аҳамияти таҳқиқот оид ба ташаккули фарҳанги экологӣ дар омӯзгорони ояндаи технология, таҳлил карда шудааст. Олимони муосир вазъи муосири ҳифзи муҳити зистро ташвишовар ва боиси нигаронии шадид арзёбӣ менамоянд. Воқеан, афзоиши талабот ба маҳсулоти саноатӣ боиси афзоиши истихроҷи сарватҳои табиӣ аз конҳои табиӣ ва мутаносибан кам шудани захираи онҳо мегардад. Шумораи корхонаҳои коркард, ки ба муҳити зист моддаҳои зарарнокро хориҷ мекунанд, мунтазам меафзоянд. Ҳамаи ин, ҳамчунин омилҳои дигари ногузир боиси таназзулу бадшавии ҳолати муҳити зист мегардад.

Дар боби якуми диссертатсия аз ҷониби диссертант таърихи рушди ҷомеаи инсонӣ ва таъсири он ба муҳити зист баррасӣ карда шудааст. Тамоми таърихи пайдоиш ва инкишофи ҷамъияти инсонӣ бевосита ба табиат алоқаманд аст. Инсон як қисми табиат аст, ҳамзамон ӯ як қисми

фарҳанге мебошад, ки худаш дар давоми ҳазорсолаҳо офаридааст. Аксари олимон вазъияти ҳозараи экологии сайёраро чун бӯҳронӣ тавсиф мекунанд. Дар байни сабабҳои асосии бӯҳрони экологӣ афзоиши истеҳсолот, ки бо афзоиши аҳолӣ марбут аст, коҳиши захираҳои табиӣ, ифлосшавии сартосари муҳити зист, муносибати истеъмолӣ ба табиатро номбар мекунанд.

Диссертатсия ба яке аз масъалаҳои мубрами дар шароити ҷаҳонишавӣ илми муосир бахшида шуда, дар алоқамандӣ бо ин, муҳим будани ташаккули фарҳанги экологӣ дар омӯзгорони ояндаи технологияро сайқал медиҳад.

Дар адабиёти фалсафии илмӣ ва махсуси экологӣ табиат ҳамчун арзиши фарҳангӣ баррасӣ карда мешавад. Дар системаи арзишҳои фарҳангӣ табиат ҳарчи бештар мақоми сифатии нави худро пайдо мекунад, он дар низоми муносибатҳои тарбиявӣ, эстетикӣ ва ахлоқии иҷтимоӣ ва шахсӣ инъикос меёбад, ки дар он фарҳанги экологӣ ҷои намоёнро ишғол мекунад ва ҷузъи фарҳанги умумӣ буда, нақш ва ҷойгоҳи фаъолияти иҷтимоии инсонро нишон медиҳад.

Дар ин раванд фарҳанги экологӣ муваффақиятҳои дониши экологиро дар бар мегирад, технологияе, ки аз нуқтаи назари экологӣ ва тамоми системаи ҳаёти инсон матлуб аст ва ба ҳифзи сарватҳои табиии барои рушди пешрафтаи ҷомеа муҳим мебошад. Таҳлили кори диссертатсионии Исматдинов А.М. нишон дод, ки фарҳанги экологии омӯзгорро метавон ҳамчун ҷузъи фарҳанги касбӣ ва педагогии ӯ баррасӣ кард.

Таҳқиқоти илмии анҷомдодашуда имкон медиҳад, ки фарҳанги экологии омӯзгори фанни технологияро муайян карда шавад, зеро ин сифати ҷудонашавандаи касбии омӯзгор, аз ҷумла сатҳи ташаккули ҷаҳонбинӣ, шуур ва тафаккури экологӣ ва фарогирии қисмҳои экологӣ-аксиологӣ, экологӣ-фаъолият ва экологӣ-педагогӣ мебошад.

Исматдинов А.М. зарурати андешидани чораҳои фаъолро барои ташаккули фарҳанги экологӣ дар байни омӯзгорони ояндаи фанни технология тасдиқ мекунад, ки минбаъд ба баланд бардоштани сатҳи дониши экологӣ ва арзишии онҳо ба таври мусбӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар боби дуюм шарти дидактикӣ барои баланд бардоштани самаранокии ташаккули фарҳанги экологӣ дар байни омӯзгорони ояндаи технология пешниҳод карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки раванди таълим дар донишгоҳ барои ташаккули фарҳанги экологӣ дар байни омӯзгорони фанни технология имкониятҳои

бузурги дидактикӣ дорад. Таҳқиқотҳои гузарондаи диссертатсионӣ нишон доданд, ки сатҳи ташаккули фарҳанги экологӣ дар байни хатмкардагони муассисаҳои таълимии олии ин ихтисос ба талаботи муосир пурра ҷавобгӯ нестанд.

Сабаби асосии ин набудани қисмҳои ягонаи фарҳангию педагогии омода намудани омӯзгорони оянда фанни технология барои ҳифзи табиат ва тарбияи экологии донишҷӯён мебошад.

Диссертатсия бо хулосаҳои умумӣ, рӯйхати адабиётҳои овардашуда ва замима ба итмом расонида шуда, як кори илмӣ-тахассусӣ мебошад, ки таҳлили адабиёти фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ, методӣ ва махсус оид ба таҳқиқот, пурсиш ва таҳлили маводи эмпирикӣ, татбиқи раванди ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони оянда технология, мушоҳида, сӯҳбат, санҷиш, арзёбии коршиносон, таҷрибаи педагогӣ, усули коркарди математикӣ ва статикии натиҷаҳои таҳқиқотро дар бар мегирад.

Муқаррароти асосии диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» муҳокима шудаанд, дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ дар шакли маърӯза, инчунин дар мақолаҳои дар маҷаллаҳои байнисоҳавӣ, маҷмӯаҳои илмии донишгоҳ ва матбуоти даврӣ чопшуда пешниҳод шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар амалия барои омода кардани омӯзгорони оянда фанни технологияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ истифода гардиданд. Лоиҳаи «Тарҳрезии манзараи муассисаи таълимӣ» ва асоси таҳияи фанни интихобии ихтисоси технология татбиқ карда шуд.

Навгониҳои илмии таҳқиқотӣ аз ҷониби Исматдинов А.М. анҷомдодашуда чунин аст:

Аз нуқтаи назари муносибатҳои фарҳангию аксиологӣ муаллиф аҳамият, сохтор ва мундариҷаи фарҳанги экологии омӯзгори оянда технология (таълими меҳнат)-ро тавассути равишҳои фарҳангӣ ва аксиологӣ равшан кардааст.

Аз ҷониби диссертант амсилаи раванди ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони оянда технология таҳия гардида, мӯҳтавои фанни интихобии «Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ»-ро бо мақсади дар донишгоҳҳои кишвар ҷорӣ кардан, аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардааст.

Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии раванди ташаккули

фарҳанги экологии омӯзгорони оядаи технологияро дар раванди таълим дар донишгоҳ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

Аҳамияти назарии таҳқиқот дар он аст, ки шароити дидактикии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони оядаи технология дар раванди таълим дар донишгоҳ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

Маводи таҳқиқотӣ метавонад барои тартиб додани мундариҷаи барномаҳои таълимӣ оид ба омӯзиши экологии донишҷӯён - омӯзгорони оядаи фанни технология ва донишҷӯёни дигар ихтисосҳо истифода карда шавад.

Эътимоднокӣ ва дурустии натиҷаҳои таҳқиқотро нуктаҳои зерин таъмин мекунанд: асоснокии назариявӣ ва методологии таҳқиқот; усулҳои гуногуни истифодашаванда, ки ба ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқанд, истифодаи коркарди математикии натиҷаҳо, иштироки шахсии муаллиф дар корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи таълимӣ.

Ҳамин тариқ, шумораи корҳои илмии диссертант вобаста ба мавзӯи диссертатсия 12 ададро ташкил медиҳад, ки 6 адади он дар маҷаллаи тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақолаҳои илмие, ки дар конфронсҳои илмию назариявӣ ва ду маҷмааи таълимию методии мавзӯи экологияро дар бар мегирад, дохил мешаванд.

Диссертатсияи мазкур ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад. Масъалаҳои таҳсилоти касбӣ, омода кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дар ҳама намудҳо ва сатҳҳои муассисаҳои таълимӣ, дар самтҳои фаннӣ ва соҳавӣ, аз ҷумла идоракунӣ ва ташкили раванди таълим, пешгӯӣ ва муайян кардани сохтори омода кардани кадрҳо, хусусан омӯзгорон дар фанни "технология", ниёзҳои муосири шахс ва бозори меҳнат, ҷомеа ва давлат, аҳамияти бузурги иҷтимоӣ ва экологӣ доранд.

Дастовардҳои натиҷаи таҳқиқот дар омӯзиш ва ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони оядаи технология ҳамчун манбаи зарурӣ ба ҳисоб рафта, хулосаву натиҷаҳои соҳибшудаи диссертант дар омӯзиши масъалаҳои гуногуни педагогӣ ба сифати сарчашмаи илмӣ истифода бурдан мумкин аст.

Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи диссертант мазмуни диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос менамояд.

Хулоса, он матлаб ва нуктаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, дар диссертатсия ба таври пурра, ба тафсил инъикос ёфта, диссертатсия таҳқиқоти ба анҷомрасида ба ҳисоб меравад.

Фишурдаи диссертатсия дар маҷмӯъ ба аслияти худ пурра мувофиқат мекунад ва он хулосаҳое, ки бо забонҳои тоҷикиву русӣ ва англисӣ оварда шудаанд, ба таври мухтасар бозгӯи диссертатсия аст.

Дар баробари натиҷаҳои дар рисола ба даст омада норасогиҳои зеринро қайд кардан мумкин аст:

1. Дар рисола корҳои муҳаққиқони ватанӣ оид ба масъалаҳои маърифати экологии хонандагон ва таёрии экологии донишҷӯён-омӯзгорони оянда инъикоси зарурии худро наёфтаанд.

2. Дар дисертатсия шароитҳои дидактикие,ки барои ташакули фарҳанги экологӣ донишҷӯён омӯзгорониояндаи технология (таълими меҳнат,) накши асоси доранд, то як андоза аз назар дур мондаанд.

3. Омилҳои асосие,ки дар ҷумҳурӣ боиси коҳиш ёфтани вазъи экологӣ мегардад, таҳлилӣ пурраи худро наёфтаанд.

4. Дар дисертатсия ва афтореферат хатогиҳои услубӣ ва имлоӣ мавҷуд аст, ки ислои онҳо ҳатмист.

Ҷоиз ба қайд аст, ки диссертатсияи Исматдинов Алишер Муҳамадович таҳти унвони "Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорониояндаи технология (таълими меҳнат)" ба ҳамаи талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дар рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Д.и.п., профессори кафедраи методикаи
таълими фанҳои табиатшиносии
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав Холназаров С.

Имзои Холназаров Сангро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ДДБ
ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

Маълумот барои тамос: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Тел+(992)3233-25481. Моб. 918274643.
E-mail: ktsu78@mail.ru